## ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи «Пажуҳиши луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV» (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 418 с.**

Тамоми нафосату назокати забони адабии тоҷикӣ дар намунаҳои осори манзуму мансури гузаштагонамон инъикос ёфтааст. Инро аз таркиби луғавии забони адабиёти классикиамон, ки ниҳоят бою ғанист ва аз осори гаронбаҳои намояндагони бузурги он мушоҳида кардан мумкин аст. Махсусан, каломи мавзуни шоирони бузурги мо хазинаи пурарзишест, ки таҳқиқи он дар инкишофи имконоти воҳидҳои забон, ғаномандии таркиби луғавӣ ва ошкор гардидани роҳу воситаҳои гуногуни сохтани калимаву ибора ва ҷумла мусоидат менамояд.

Рисолаи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна маҳз ба ҳамин гуна масъалаи мубрами забоншиносии тоҷик – баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми шоирони нозукадо ва борикбини асри XIV – Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар он зоҳир мегардад, ки баррасии вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони забони осори назмӣ, аз як тараф, муҳимтарин омили рушди системаи забон, пешбурди забони адабӣ, муайян сохтани инкишоф ва такомули таркиби луғавӣ ва ҷанбаи калимасозии он маҳсуб мешавад. Аз тарафи дигар, бо вуҷуди фаровонии таҳқиқоти ба луғатшиносӣ ва калимасозӣ бахшидашуда ҷанбаи луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар заминаи осори назмӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Хусусан, «…вожагони ашъори намояндагони садаи XIV – Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ва қолибҳои калимасозии асри мазкур дар умум ва дар муқоиса бо ҳам мавриди таҳқиқи алоҳидаи забоншиносон қарор нагирифтаанд. Диссертатсияи мазкур имкон фароҳам меорад, ки донишомӯзону муҳаққиқон дар риштаи забоншиносӣ аз ҳунари калимасозиву вожашиносии шоирони адабиёти садаи XIV огаҳӣ пайдо кунанд ва бо маънии онҳо ошно гарданд» (дисс., с. 6-7).

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни таълифи рисола афкори забоншиносони ватаниву хориҷиро омӯхта, дар мавридҳои зарурӣ бо онҳо баҳси илмӣ меорояд ва хулосаҳои лозимӣ мебарорад. Бунёди назарии рисоларо осори илмии муҳаққиқони худиву хориҷӣ, аз қабили Г.О. Винокур, В.В. Виноградов, Э. Бенвенист, К. Г. Залеман, Е.А.Земская, Л.Г. Герсенберг, Д.Т. Чхеидзе, Т.А. Чавчавадзе, П.Н. Хонларӣ, А.

Ҳумоюнфаррух, М. Шариат, Д. Т. Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ, Ш. Бобомуродов, Ш. Рустамов, М. Қосимова, Д. Саймиддинов, Ф. Амонова, А. Ҳасанзода, О. Қосимов, М.Ҳ. Султон, С. Ғаниева, М. Саломов, С. Айнӣ, Э. Раҳмон, Е. Э. Бертелс, Ш. Нуъмонӣ, А. Насриддин ва дигарон ташкил намудааст. Ҳамчунин ҳангоми таҳлили вожаҳо ӯ ба маълумоти луғатҳои тафсирии бонуфузи форсию тоҷикӣ такя намуда, калимаҳоро маънидод мекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аппарати илмии диссертатсия ниҳоят қавист.

**Навоварии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст осори манзуми асри XIV дар мисоли ашъори намояндагони барҷастаи он – Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ аз нуктаи назари вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохторӣ баррасӣ гардида, ҳамчунин ба масоили калимасозии сарфии исмҳо, нақши вандҳо дар ташаккули онҳо, исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ, қолабҳои калимасозӣ дар қиёс бо забони адабии муосир руҷуъ шудааст. Дар рисолаи Калонова М. Ҷ. таваҷҷуҳи алоҳида ба вожаҳои вижаи шоирони асри мазкур, ки бештари исмҳо дар қолаби ғайриизофат сохта шудаанд, равона шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтан ва дарки масъалаҳои ҳамгун (вижагиҳои луғавӣ, маъноӣ ва сохторӣ) дар забоншиносии тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандону омӯзандагони забони тоҷикӣ ҳамчун маводди назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 31 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводди интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос карда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Рисолаи мавриди тақриз аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Муқаддима**и рисола тамоми рукнҳои тибқи низомнома муқарраршударо дар бар гирифтааст. Дар муқаддима, пеш аз ҳама, чун тамоми рисолаҳои дигар мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ гаштааст. Ҳамчунин самт ва объекти таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навовариҳои илмӣ, аҳаммияти илмию

амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда зикр гардида, роҷеъ ба сарчашмаю усулҳои пажуҳиш маълумот дода шудааст.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар забоншиносии тоҷик ва дар самти омӯзишу дарки вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони забони осори назмӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия **«Вижагиҳои луғавии вожагони забони тоҷикӣ дар асри XIV»** номгузорӣ шуда, ду фасл ва 6 зерфаслро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин қисмати рисола ба ҷанбаи маъноии вожагони назми асри XIV дар мисоли ашъори намояндагони барҷастаи он – Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ба риштаи таҳлил кашидааст. Дар ин қисмати рисола баъд аз матолиби муқаддимотӣ ба масъалаҳои хусусиятҳои сермаъноӣ (дисс., с.21-32), ҳамсонӣ (дисс., с. 32-43), муродифӣ (дисс., с. 43-59), зидмаъноии калимаҳо (дисс., с. 59-74), наввожаҳо (дисс., с. 74-85) ва калимаҳои куҳнашуда (дисс., с. 85-96) таваҷҷуҳ гардидааст.

Аз таҳқиқот маълум мегардад, ки дар назми асри XIV, хоса ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ, категорияҳои маъноӣ ва дигар қабатҳои луғавӣ мавқеи хоса доштаанд. Ин суханварон падидаҳои маъноии мазкурро ҳамчун воситаи муассири баёни матлаб ва тасвири бадеӣ истифода бурдаанд. Муҳаққиқ вожаҳои сермаънои ашъори шоирони мазкурро ба ду гурӯҳ: 1) калимаҳои сермаъное, ки дар сарчашмаҳои илмӣ зикрашон рафтааст; 2) калимаҳое, ки танҳо дар ашъори шоирон вазифаи сермаъноиро ба дӯш гирифтаанд (Дисс., с. 24), ҷудо менамояд. Маълум мешавад, ки дар истеъмоли маъноҳои гуногуни калима шоирон услуби фардии худро ба кор андохта, матлабро нишонрас ва ҷолиб ифода кардаанд. Агар, аз як тараф, онҳо вожаҳоро дар чанд маврид ба чанд маънӣ кор фармуда бошанд, аз тарафи дигар, ба бой гардидани таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ мусоидат намудаанд. Муҳаққиқ барои тасдиқи нуқтаи назараш маводди фаровонеро аз ашъори шоирони дар боло зикршуда мавриди таҳлил қарор додааст, ки ҳамагӣ асосноканд.

Категорияҳои маъноии дигар – ҳамгунаҳо, муродифот ва мутазодҳо низ муфассал таҳлилу баррасӣ гардида, вобаста ба мавзуъ ба гурӯҳҳо тасниф шудаанд. Дар оғози ҳар як зерфасл муаллифи рисола маълумоти назариро доир ба мавзуъ оварда, ҳамзамон нуқтаи назари худро баён менамояд ва барои тасдиқи онҳо далелҳои муътамад меоварад.

Дар мавриди хусусиятҳои наввожаҳои забони тоҷикӣ муҳаққиқ ба таснифоти забоншиносон ҳамраъй будани худро изҳор ва ба наввожаҳои луғавӣ, маъноӣ ва фардӣ тасниф гардидани онҳоро ҷонибдорӣ менамояд. Дар рисолаи мавриди тақриз таваҷҷуҳ асосан ба наввожаҳои фардӣ зоҳир гардидааст. Муҳаққиқ як миқдор вожаҳо ва ибораҳоро, аз қабили *ширинқаландар, хуморкаш* (Ҳофиз), *майкадапарвард, риштакорӣ, лаби ниёзи суфӣ, ҳаййи Лайло, гулбарги таҳаммул, дидаи холӣ зи нур* ва ғ.(Камол), *шикастабаста, панҷ сутуни хонаи шаръ, савдои хомпухта, давлати тез,*

*савдои вараъ, бодпойи азимат, фарти бениёзӣ ва г.* (Салмони Савоҷӣ), ки маҳсули тахайюли ин шоирони нозукбаён аст, бо мисолҳои ҷолиб ба риштаи таҳқиқ мекашад. Ҳамзамон бо муҳаққиқони дигар, ки баъзе вожаву ифодаҳоро хоси Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ, махсусан, Камоли Хуҷандӣ медонанд, баҳси илмӣ меорояд ва нуқтаи назари онҳоро баҳснок меҳисобад. Ба ҳамин минвол дар ин қисмати диссертатсия калимаҳои куҳнаи осори шоирони мазкур баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюми рисола **«Таснифоти мавзуии вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV»** номгузорӣ гашта, аз 11 фасл ва 22 зерфасл иборат аст ва муаллиф кӯшидааст дар ин қисмат баъд аз матолиби муқаддимотӣ ба воҳидҳои луғавии марбут ба касбу ҳунар, номвожаҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо), номи шаҳрҳо, деҳаҳо, маҳалҳо (ойконимия), номи боғҳо, обҷойҳо (гидронимия), дарёҳо (потамонимия), бахрҳо (пелагонимия), ҳавзҳо (лимнонимия), ҷонварон (зоонимия), парандаҳо, ҳайвоноти хонагию вахшӣ, ҳашарот, рустаниҳо (фитонимҳо), гиёҳҳо, узвҳои бадан, вожаҳои марбут ба динҳо, соҳаи мусиқӣ, тиб, мафҳумҳои хешутабориро баррасӣ намояд.

Боби мазкур аз матолиби муқаддамотӣ ва таҳқиқи воҳидҳои луғавии марбут ба касбу ҳунар шуруъ мешавад. Муаллиф бо далелҳои муътамад соҳибҳунар ва соҳибкасб будани мардуми куҳанбунёди тоҷикро дар мисоли ашъори ноби се намояндаи бомаҳорати назми асри XIV – Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ нишон медиҳад. Дар робита бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати эълони гардидани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳқиқи масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, баъд аз зикри маълумоти назарӣ муҳаққиқ вожаҳои мансуб ба касбу ҳунарро ба ду гурӯҳ тасниф намудааст. Ба гурӯҳи аввал исмҳои шахси ифодакунандаи намояндагии касбу ҳунар, ба мисли *боғбон, ҷомабоф, атрсоз, аттор, тақвимсоз, чангсоз, заргар, кӯзагар, сарроф, чармгар, гилкор* ва ғ. (с. 98) дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм вожаҳои ифодакунандаи номи олоти соҳаҳои гуногуни касбу ҳунар мансубанд: *табар, сандон, теша* (с.101). Ҳар кадоми ин вожаҳо дар ашъори шоирони фавқуззикр ба маънои асливу маҷозӣ истифода шудаанд ва то имрӯз маънии худро маҳфуз доштаанд.

Дар фаслҳои боқимонда номвожаҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо), номи шаҳрҳо (*Хуҷанд, Сарой, Тӯр, Шероз, Исфаҳон, Самарқанд, Бухоро* ва ғ.), деҳаҳо (Ҷаъфаробод, Валиёнкӯҳ, Кӯшк), маҳалҳо (ойконимия), номи боғҳо (Мусалло, Ирам), обҷойҳо (гидронимия), дарёҳо (потамонимия – Нил, Оби Хуҷанд), бахрҳо (пелагонимия – Рукнобод), ҳавзҳо (лимнонимия – Кавсар), ҷонварон (зоонимия), парандаҳо (мурғ, ҳумо, булбул, зоғ, анқо, саъва ва ғ.), ҳайвоноти хонагию вахшӣ (хар, маркаб, асп, саманд, саг, гурба; пил (фил), шер, паланг, рӯбаҳ, гург ва ғ.), ҳашарот (анкабут, пашша, каҷдум, мӯр), рустаниҳо (фитонимҳо), гиёҳҳо (райҳон, сипанд, нил, най ва ғ.), узвҳои бадан (даст, по, гӯш, чашм, бинӣ ва ғ.), вожаҳои марбут ба динҳо (габр, хароботи муғон, бут, муғ, оташкада,

зуннор, дайр, савмаа, Юсуф, Исо, Муҳаммад ва ғ.), соҳаи мусиқӣ (зер, бим, зарб, мизроб, хунёгар, гулбонг, рубоб, чанг, най ва ғ.), тиб (дард, шифо, хун, захм, пизишк (тоҷикӣ); табиб, қалбшиносӣ, римиму руфот (арабӣ) ва ғ.), мафҳумҳои хешутаборӣ (падар, модар, писар, бародар, фарзанд, тифл, зан, арӯс, домод ва ғ.) ба гурӯҳҳои алоҳида тасниф гардида, мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Муаллифи рисола дар такя ба сарчашмаҳои муътамад этимология ва маънои луғавии қисме аз вожаҳоро зикр намуда, мавқеи онҳоро дар ашъори шоирон бо овардани намунаҳо муайян намудааст. Аз таҳлили маводди амалии ин қисмат маълум гардид, ки суханварони мо ин вожаҳоро на танҳо ба маънои аслӣ, балки маҷозӣ ҳам корбаст кардаанд.

**«Баррасии сохти исмҳои забони тоҷикӣ дар назми асри XIV»** мавзуи боби сеюми рисолаи мавриди муҳокима буда, шомили 3 фасл аст.

М.Ҷ. Калонова дар боби мазкур ба сохтори исмҳо, воситаҳои сохта шудани онҳо, исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ таваҷҷуҳ кардааст.

Дар фасли аввал, ки «Матолиби муқаддимотӣ» унвон дорад, муҳаққиқ таҳқиқоти ба калимасозӣ бахшидаи олимони ватаниву хориҷӣ, яъне мутахассисони соҳаро баррасӣ намудааст.

Фасли дувум – «Сохтори исмҳо», фарогири 2 зерфасл мебошад. Дар зерфасли аввал исмҳои содаи ашъори шоирони фавқуззикр таҳқиқ шудааст. Ин гурӯхи исмҳо ниҳоят серистеъмолу сермаҳсул мебошанд ва ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ, туркӣ мансубанд. Муаллифи рисола чандомади исмҳои содаро дар ин забонҳо дар нақшаҳо ҳамчун аёният нишон додааст, ки қобили қабул аст ва аз заҳмати ӯ дарак медиҳад.

Зерфасли дувум – «Исмҳои сохта» боз ба ду зерфасл ҷудо гардидааст: 1) исмҳои сохта тавассути пешванд; 2) исмҳои сохта тавассути пасванд. Дар зерфасли аввал пешванди **ҳам-** баррасӣ шуда, сермаҳсул будани он дар исмсозӣ, ба қайд гирифтани 353 вожаи бо ин пешванд сохташуда таъкид шудааст. Аз рӯйи таҳқиқи муаллиф, дар «Девон»-и Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ин пешванд дар таркиби вожаҳои зерин фаъол будааст: *ҳамхона, ҳамдард, ҳамдарс, ҳамдастон, ҳамдам, ҳамроз, ҳамроҳ, ҳамзону, ҳамсоя, ҳамсуҳбат, ҳаминон, ҳамкор, ҳамманзил, ҳамнафас, ҳамнишин, ҳамвисоқ, ҳамзабон* ва ғ. (дисс., с.245). Ин пешванд на танҳо исм, балки сифат ҳам месохтааст. Пас, маълум мегардад, ки ин пешванд дар калимасозии ҳамон давра мавқеи устувор доштааст.

Бо пасвандҳо сохта шудани исмҳо яке аз роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ мебошад. Муаллифи диссертатсия дар такя ба «Грамматикаи забони адабии тоҷик» (1985) ва «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (1973; 1982) дараҷаи маҳсулнокии пасвандҳоро дар исмсозӣ муқаррар кардааст. Мавсуф пасвандҳои исмсозро ба сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул гурӯҳбандӣ карда, мисолҳои бисёреро мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор додааст.

Дар фасли севуми боби мазкур ба исмҳои мураккаб таваҷҷуҳ шудааст. Исмҳои мураккаб ба ду гурӯҳ: исмҳои мураккаби пайваст ва

тобеъ ҷудо гардида, дар заминаи мисолҳо қолабҳои сохта шудани онҳо нишон дода шудааст. М.Ҷ. Калонова осори илмии ба ин мавзуъ бахшидашударо дар оғоз ба риштаи таҳқиқ кашида, дар заминаи боэътимоди илмӣ маводди амалии гирдовардаашро таҳлил намудааст.

Тибқи андешаҳои муҳаққиқ, исмҳои мураккаби пайваст 4 қолаби бавуҷудой доранд: 1) такрори бевоситаи калимаҳо; 2) бо асосҳо ва воситаҳои гуногуни грамматикӣ; 3) асосҳои гуногун бе ягон морфема; 4) бо ёрии интерфикси **«-у-»**. Исмҳои мураккаби пайвасти қолаби якум дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Саваҷӣ ба назар нарасидааст, аммо исмҳои мураккаби пайвасти се қолаби боқимонда мушоҳида шудаанд.

Исмҳои мураккаби тобеъ низ яке аз гурӯҳҳои сермаҳсули исмҳо ба шумор меравaнд, ки онҳо дар осори бадеӣ ва каломи мавзун вижагиҳои махсуси маъноифодакунӣ доранд. Муҳаққиқ қолабҳои сохта шудани онҳоро нишон дода, саҳми ҳиссаҳои нутқро дар ташаккули онҳо бо мисолҳо собит намудааст. Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совaҷӣ аз ҷумлаи адибоне мебошанд, ки дар ҳар маврид вижагиҳои фардии услуби хешро зоҳир менамоянд. Услуби фардии шоирон дар истеъмоли исмҳои мураккаб барои адибони минбаъда сабақи хубе шуда метавонад, хусусан, дар замони муосир, ки баъзан нигорандагони медиаматнҳо ё адибони ҷавон ҳангоми интихоби вожаҳо ва сохтани калимаҳои мураккаб ба ғалатҳо роҳ медиҳанд.

Хулосаҳои рисола дар 27 банд хеле мушаххас, равшан, возеҳ, асоснок ва боэътимод иброз ёфтаанд.

Тавсияҳои муаллифи диссертатсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар 9 банд пешниҳод шудааст, ки барои тавсеаи бештари таҳқиқи ҷанбаи забонии осори шоирони асри XIV, аз ҷумла вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожагони таркиби луғавии забони ин давр, мусоидат менамояд. Дар ин замина муҳаққиқ анҷоми корҳои муайянеро ба нақша гирифтааст, ки қобили қабуланд.

Рӯйхати адабиёт 514 мақолаю осори илмии тоҷикӣ, форсӣ ва русиро дар бар гирифтаст. Ҳамчун сарчашма маводди амалии «Девон»-и Ҳофизи Шерозӣ (таҳияи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ), «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ (таҳияи А. Шоҳаҳмад; Б. Раҳматзод ва О. Оқилов), «Девон»-и Салмони Совaҷӣ (ба кӯшиши маркази таҳқиқоти роёнаи Исфаҳон) интихоб шуда, самаранок корбаст гардидааст.

Дар замимаҳои рисола ду нақша оварда шудааст, ки дар онҳо имконоти васлшавии пешванди ***ҳам-*** бо калимаҳои дигар ва басомади маҳсулнокии пасвандҳо нишон дода шудааст, ки аз заҳмати кашидаи муҳаққиқ дарак медиҳад. Аслан, маводди амалии гирдовардаи муҳаққиқ шоистаи эҳтиром аст.

Дар 7 ҷадвали овардаи муаллиф тамоми маводди амалӣ вобаста ба маъно ва баромад инъикос ёфтааст, ки ҳамчун аёният хизмат мекунанд.

Ҳамин тариқ, муоинаи рисолаи доктории мавриди тақриз нишон дод, ки дар таълифи он муаллиф М.Ҷ. Калонова заҳмати зиёде кашида, осори илмии ба мавзуъ бахшидашударо амиқ ва ҷиддӣ омӯхта, маводди

фаровонеро гирд овардааст. Ба ибораи дигар, рисолае рӯйи кор омадааст, ки солиёни сол ба омӯзандагону муҳаққиқони забони тоҷикӣ хизмат хоҳад кард.

Аммо дар баробари зикри дастовардҳои илмию таҳқиқотӣ мехоҳем, чанд мулоҳизаамонро доир ба баъзе норасоиҳое, ки ба чашм расиданд, баён намоем:

1. Дараҷаи омӯзиши мавзуъ вобаста ба бобу фаслҳо хуб таҳлил гардидаанд, вале аз ҷӣ бошад, ки корҳои илмии ба калимасозии осори адибони муосир бахшидашуда берун аз назари муаллиф мондаанд. Ғайр аз ин, ҳангоми овардани андешаҳои муҳаққиқони дигар бо эҳтиёт муносибат кардан лозим аст. Дар саҳ. 51-и рисола муаллиф нуқтаи назари бандаро дар мавриди муродифоти исмҳои хос, ки ба он забоншиноси рус А.А. Брагина ишора кардааст, зикр намуда, чунин менигорад: «Ба андешаи мо, исмҳои хоси мазкур танҳо решаи ягона дошта, муродиф ба шумор намераванд, онҳо варианти услубии як калима ҳастанд». Муаллиф нуқтаи назари моро ба пуррагӣ наовардааст, ҳол он ки вариантҳои гуногуни як калима ва ҳамреша ва вариантҳои як калима будани он вожаҳоро мо ҳам дар монографияи доктории худ (дисс., с. 30) таъкид кардаем.

2. Ҳангоми зикри номи муҳаққиқон дар диссертатсия аҳёнан гуногуннависӣ ба назар мерасад. Масалан, М.Ф. Полевская (дисс., с. 35) // М.Ф. Палевская (дисс., с. 45); М. Маҷидов (дисс., с.73) // Ҳ. Маҷидов (дисс., с. 73). Ишора ба манбаъҳо низ гуногун аст: баъзан бо зикри пурраи номи муаллиф ва соли нашру саҳифа (дисс., с. 25), баъзан мухтасар бидуни соли нашр.

3. Чи тавре ки маълум аст, дар фарҳангҳо ва китобҳои дарсӣ омонимҳо бо мақсади фарқ кунонида шудан аз калимаҳои сермаъно бо рақамҳои римӣ ишора карда мешаванд. Дар рисолаи мавриди тақриз онҳо бо ададҳои одӣ ҳамчун вожаҳои сермаъно омадаанд, ҳол он ки онҳоро ҷудо-ҷудо зикр кардан мувофиқи мақсад аст (дисс., с. 37-43). Ҳамчунин, истилоҳи миллии бар ивази истилоҳи байналмилалии *омоним* омада вожаи *ҳамгун(а)* аст, аммо муаллиф истилоҳи нав – *ҳамсон*ро истифода бурдааст. Ба назари мо, истилоҳи маъмули *ҳамгун(а)* кор фармуда мешуд, бар салоҳи кор мебуд.

4. Дар саҳ. 98 дар қатори исмҳои шахс – вожаҳои ифодакунандаи намояндагии касбу ҳунари муайян калимаи *бофтан* низ зикр шудааст. Шояд муроди муаллиф *бофанда* гуфтан буд.

5. Дар рисола 2 замима бо ҳисоби омории маводди амалӣ ва воситаҳои калимасоз оварда шудаанд, ки аз заҳмати муҳаққиқ дарак медиҳад. Хуб мешуд, агар онҳо номгузорӣ мешуданд, то ҳадафи муаллифи рисола аз зикри ин ҷадвалҳо муайян гардад.

6. Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, аммо ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ (дисс., с. 7, 8, 14, 20, 44, 102…), аломати китобат (дисс., с. 7, 8, 9, 16, 28, 99, 101…) ва услубӣ (дисс., с. 9, 99, 100…), техникӣ (дисс., с. 388) ба мушоҳида расиданд. Аз ҷумла, омехта кардани мавриди истифодаи аломати тире ва нимтире (дисс., с. 103…), гуногуннависии калимаҳо (тадқиқот // таҳқиқот (дисс., с. 104), тадқиқи (дисс., с. 104)),

нодуруст ҷудо кардани сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайрав (дисс., с. 99, 102) ва ғ. Хуб мешуд, ки ҳангоми истифодаи истилоҳот шакли маъмулии тарҷумашудаи он кор фармуда шавад. Чунончи, ба ҷойи *тадқиқоти структуравӣ* (дисс., с. 104) *таҳқиқоти сохторӣ* гуфтан ба максад мувофиқтар аст.

7. Дар қисмати интишороти муаллифи диссертатсия 1 монография ва 31 мақолаи илмӣ нишон дода шудааст, аммо дар рӯйхати маводди чопии мухаққиқ монография зикр нашудааст (дисс., с. 383-387).

Ишораҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Рисолаи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи **«Пажуҳиши луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV»** (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ) пурмуҳтаво буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯст. Муаллифи он – Калонова М. Ҷ. сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии
факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоева
Моҳира Мадиброҳимовна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ,
бинои 75, ҳуҷраи 28
Тел. дастӣ: (992) 93 711 30 28
E-mail: mirzoeva.mohira.11@mail.ru
«15» апрели соли 2024

Имзои Мирзоева Моҳира
Мадиброҳимовнаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«16» апрели соли 2024